Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 7 Март, 2024 - 07:00
[1]

Модарону бонувони арҷманд ва хоҳарону фарзандони азиз!

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи модар, яъне ҷашне, ки барои ҳамаи мо бисёр азиз мебошад,

самимона табрик мегӯям.

Ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломативу хушбахтӣ, хонаи обод ва рӯзгори осуда орзу менамоям.

Басо рамзист, ки ин рӯзи муборак ҳар сол дар рӯзҳои нахустини бедоршавии табиат, бо накҳату нафосати баҳорӣ ва дар арафаи Наврӯзи байналмилалӣ таҷлил мегардад.

Зеро Зан – Модар сарчашмаву офарандаи ҳаёт, рамзи покиву зебоӣ, махзани меҳру вафо ва таҷассуми зиндаи муҳаббату самимият мебошад.

Модар, нақш ва қадру манзалати ӯ дар ҳаёти инсоният аз ҷониби шоирону нависандагон ва олимону донишмандони халқу миллатҳои гуногуни олам хеле фаровону самимона васфу тасвир гардидааст.

Аз ҷумла яке аз бузургон чунин гуфтааст: «Модар зеботарин калимаест, ки инсон ба забон овардааст.

Модар ягона муъҷизаи табиат аст, ки ҳатто марг наметавонад моро аз ӯ ҷудо кунад.

Қалби модар ҳудуди беинтиҳои меҳру муҳаббат, ғамхорӣ ва бахшидан аст».

Бинобар ин, ҳар яки мо барои шири сафеду ҷонбахш, аллаҳои пур аз умеду орзу, навозишу меҳрубонӣ ва насиҳату дуои модар аз ӯ як умр қарздорем.

Ҳеҷ кадоме аз мо наметавонем, ки заҳмату бедорхобии ҳатто якшабаи модари худро ҷуброн кунем.

Вале ба ҳар ҳол, мо – фарзандон бояд кӯшиш кунем, ки ба қадри модари мушфиқ, ранҷу машаққат ва ғамхориҳои ӯ расем, то метавонем хизматашро ба ҷо оварем ва дуои некашро гирем.

Зеро модар мавҷуди муқаддастарин ва азизатарину бебаҳотарин барои инсон ва сазовору арзандаи ҳама гуна парастиш, дӯстдорӣ ва ғамхорӣ мебошад.

Тамоми сиёсатмадорону давлатдорон, донишмандону нобиғаҳо, бузургони олам, аз ҷумла пайғамбарон дар домони поки модар, бо шири сафед ва навозишу меҳрубониҳои ӯ ба камол расидаанд.

Ин мавҷуди муқаддас дар тӯли умри худ бори гарони зиндагӣ ва тамоми вазниниҳои рӯзгорро аз тарбияи фарзанд сар карда, то танзиму сариштаи ҳаёти оила ба дӯш дорад ва илова бар ин, дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеаву давлат ва иҷрои вазнинтарин корҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои саноату сохтмону кишоварзӣ, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолона ширкат меварзад.

Бо муҳаббату самимият ва дӯстдориву қадршиносӣ таҷлил намудани Рӯзи модар гувоҳи он аст, ки давлату Ҳукумат ва ҷомеаи кишвари мо қадру манзалати Зан – Модарро гиромӣ ва азиз медоранд.

Бо дарназардошти он, ки занону бонувон ва духтарони мо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар нақши бисёр арзишманду муассир доранд, давлат ва Ҳукумати мамлакат масъалаи таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро дар маркази сиёсати худ қарор додааст.

Ғамхории доимӣ дар ҳаққи занону бонувон, дастгирии пайвастаи ибтикороти созандаи онҳо, фароҳам овардани заминаву имкониятҳои мусоид барои амалӣ гардидани иқдомоти неку ободгаронаашон натиҷа ва баёнгари ҳамин сиёсат мебошад.

Бо истифода аз фурсат, мехоҳам ба ҳамаи модарони муҳтарам ва бонувону духтарони азизи

кишвар барои саҳми арзандаашон дар ҳифзи истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил, ваҳдати миллӣ ва рушди давлати тоҷикон миннатдории самимӣ баён намоям.

Мо худ шоҳиди зиндаи хизматҳои шоёни модарону бонувон дар мушкилтарину сангинтарин рӯзҳои таърихи давлату миллати тоҷик, яъне замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ҳастем.

Онҳо сиёсати пешгирифтаи моро бо сабру таҳаммул ва самимияту садоқат дастгирӣ карданд, ки ҳаргиз фаромӯш намегардад.

Ҳамчунин, мехоҳам бо эътимоду эҳтиром хотирнишон намоям, ки занону бонувони мо баробар бо мардон боли парвози ҷомеа ва неруи ҳаракатдиҳандаи давлат ба сӯи ояндаи ободу осуда мебошанд.

Бинобар ин, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҳарчи бештар инкишоф додани қобилияти занону бонувон ва духтарон дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани рушди устувори ҷомеа ҳадафи асосии давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Имрӯз занону бонувони мо дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолона заҳмат кашида, дар рушди бомароми кишвар саҳми арзишманд гузошта истодаанд.

Аз ҷумла нақши онҳо дар рушди корҳои хонагӣ, косибӣ – бофандагиву дӯзандагӣ, заргариву қаннодӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, ҷалби занону духтарони хонанишин ба шуғл, соҳибкасб гардонидани ҷавонон ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як оилаи мамлакат қобили таъкид ва таҳсин мебошад.

Бо дарназардошти ин ҳама, мо бояд ба хотири боз ҳам баланд бардоштани мақому манзалате, ки Зан – Модар дар ҷомеа сазовори он мебошад, пайваста кӯшиш намоем.

Ман ба мардони муҳтарам муроҷиат карда, як масъалаи муҳимро таъкид менамоям, ки мо бояд, сарфи назар аз пастиву баландиҳои зиндагӣ босабру таҳаммул бошем, ба хушунату зӯроварӣ дар оила роҳ надиҳем, барои фарзандони худ ва махсусан духтарон шароити илму донишомӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунарро муҳайё созем, то онҳо дар зиндагии ояндаи хеш азоб накашанд.

Қобили таъкид аст, ки нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва инсондӯстиву масъулиятшиносӣ басо муассир аст.

Дар робита ба ин, хотиррасон месозам, ки заҳмату машаққати ба дунё овардани фарзанд ва ба камол расонидани ӯро маҳз модар мекашад.

Ва маҳз ба ҳамин сабаб модар то лаҳзае, ки зинда аст, кӯшиш мекунад, ки фарзандаш саломату хушбахт бошад.

Мо низ орзу мекунем, ки ягон модар доғи фарзанд набинад ва ашки ғам нарезад.

Баръакс, мо мехоҳем, ки дар чашми модаронамон аз хушбахтиву хурсандии фарзандону набераҳояшон ҳамеша ашки шодиро бинем.

Мо – мардон, ки зодаву парваридаи модар ҳастем, вазифадорем, ки эҳтироми Зан – Модарро нафақат дар рӯзҳои ҷашн, балки ҳар лаҳзаву ҳар соат, ҳамеша ва тамоми умр ба ҷо оварем, ба онҳо ғамхориву меҳрубонӣ ва хизмат кунем ва кӯшиш намоем, ки ба ризоият ва дуои неки онҳо сазовор шавем.

Мардуми мо беҳуда нагуфтаанд, ки «Модар розӣ – Худо розӣ».

Модарону бонувони мо чароғи равшан ва гармии хонадон мебошанд.

Сарриштаи зиндагиву рӯзгори ҳар як оила низ дар дасти онҳост, яъне ҳама чиз, пеш аз ҳама, файзу баракат ва эҳтирому обрӯи хонадон аз модарону занон вобаста мебошад.

Ҳамаи мо аз расонаҳои хабарӣ хуб медонем, ки солҳои охир инсоният ба мушкилоту фоҷеаҳои сахту сангин – ҷангу хунрезӣ, камобиву хушксолӣ, фақру гуруснагӣ ва мушкилиҳои дигар рӯ ба рӯ гардидааст.

Тибқи гузоришҳои Созмони Милали Муттаҳид ҳоло аҳолии даҳҳо кишвари олам аз гуруснагӣ азият мекашад.

Ҳамватанони азизи мо бебориш омадани тирамоҳи гузашта ва зимистони имсоларо дар кишвари худамон мушоҳида карда истодаанд.

Аз ин лиҳоз, модарону бонувони арҷманди мо бояд минбаъд низ дар риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», сарфаю сариштакорӣ ва пешгирӣ кардани ҳама гуна зиёдаравию исрофкорӣ пешсафу намуна бошанд.

Мо набояд ношукрӣ кунем, баръакс, доим дар фикри аҳли оилаву фарзандонамон ва захираи на кам аз дусолаи маводи ғизоӣ барои хонадони худ бошем.

Иҷрои талаботи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», дар рӯҳияи илму донишомӯзӣ, азхудкунии касбу ҳунар, ахлоқу одоби ҳамида ва эҳтироми калонсолон тарбия кардани фарзандон, инчунин, ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо низ асосан ба зиммаи модарону занон қарор дорад.

Албатта, дар ин масъалаҳо мардон, яъне падарон низ масъулияти зиёд доранд.

Лекин дили фарзанд ва нияту нақшаи ӯро аз ҳама беҳтар модари мушфиқу меҳрубон мефаҳмад ва ҳис мекунад.

Эътимоди комил дорам, ки модарони азиз ва бонувону духтарони сарбаланди мо суннату анъанаҳои неку созандаи мардуми бостониамонро минбаъд низ идома дода, дар эҳёи расму ойинҳо, таомҳо ва либосҳои миллӣ, эҳтироми таъриху фарҳанги бостонии миллат, пешгирӣ кардани ҳисси бегонапарастӣ, ободии Ватани азизамон, оромии ҷомеаи кишварамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон нақши арзанда ва муносиб мегузоранд.

Бо эҳтиром ба шахсияти муқаддаси Зан – Модар бори дигар тамоми модарони арҷманд ва бонувону духтарони азизи Тоҷикистонро ба ифтихори Рӯзи модар – ҷашни фархундаи баҳору зебоӣ ва садоқату муҳаббат самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми онҳо саломатӣ, иқболи нек ва зиндагии босаодати оилавӣ орзу менамоям.

Шумо – модарони меҳрубон, бонувони арҷманд ва духтарони азиз ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки мо – ҷавонмардон ва фарзандонатон шуморо сидқан дӯст медорем, хизматҳои шуморо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунем ва шуморо ҳаргиз хору зор шудан намемонем.

Доим саломату хушбахт ва хушҳолу сарбаланд бошед, модарони меҳрубон ва бонувону духтарони азизи кишвар!

Ҷашн муборак, модарону хоҳарон ва духтарону фарзандони азиз!

Манбаъ: http://president.tj/node/32916 [2]

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [3]

Манбаъ::http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/payomi-shodboshii-prezidenti-chumkhurii-tochikiston-peshvoi-millat-mukhtaram-emomali-23?mini=2025-07&page=9

Пайвандҳо
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/53572806960_b3b52c1c1c_c.jpg [2] http://president.tj/node/32916 [3] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7